**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Публитсистика ҳамчун соҳаи алоҳидаи эҷод дар замони муосир мавқеи барҷаста пайдо кардааст, зеро нигоштаҳое, ки дар қолаби публитсистика офарида мешаванд, бо истифода аз далелу арқом, таҳқиқу ташреҳ, мушоҳидаву хулоса мавқеи фардии муаллифро ба набзи замон дар давраҳои гуногун муайян мекунад. Дар ин замина, публитсистону муҳаққиқони зиёде ба майдони публитсистикаи тоҷик ворид гардиданд, ки бо офардинаи асарҳои публитсистӣ ва таҳқиқи публитсистика ҳамчун соҳаи алоҳидаи эҷодӣ саҳми бориз гузоштаанд, ки омӯзишу таҳқиқи мактаби илмиию публитсистии онҳо аз муҳимтарни мавзуъҳо маҳсуб меёбад. Фаъолияти эҷодиву пажуҳишии доктори илмҳои филологӣ, профессор Асадулло Саъдуллоев аз муҳимтарин мавзуот ба ҳисоб меравад. Мавсуф унсурҳои публитсистиро дар адабиёти муосири тоҷик мавриди пажуҳиш қарор дода, асарҳои бунёдии илмиро дар хусуси насри мустанад таълиф кардааст. Таҳқиқоти ӯ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳое равона шудааст, ки омӯзиши онҳо барои муайян намудани моҳияти насри мустанад ва публитсистикаву журналистика хидмат мекунад.

Аз омӯзиши автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ» дар 9 номгӯ пешниҳод шудааст, ки онҳо масоилу мабоҳисаи марбут ба мавзуи диссертатсияро бозгӯ мекунанд.

Боби якуми диссертатсия – «Назаре ба ҳаёт ва зиндагиномаи профессор А. Саъдуллоев» аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби якум «Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев» ном дорад, ки он тарҷумаи ҳоли муҳаққиқро фаро мегирад. Мавсуф дар баробари рӯзноманигору омӯзгору муҳаққиқ будан публитсисте низ ҳаст, ки дар домани воқеият марҳалаҳои тайкардаи ҳаётиашро нишон додааст. Зиндагиномаи ӯ дар асоси асарҳои алоҳида, мақолаву нигоришҳо, очерку эссеҳои худи муҳаққиқ ва ёдномаву меҳрномаҳое, ки аз ҷониби ҳамкорону шогирдон рӯйи чоп омадаанд, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюм «Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев» пажуҳиш шуда, дар он зина ба зина ташаккулу такомул ёфтаани А. Саъдуллоев ба дараҷаи публитсисти мушоҳидакор дар ҷомеа нишон дода шудааст.

Дар фасли сеюм «Фаъолияти омӯзгорӣ»-и Асадулло Саъдуллоев таҳқиқ гардида, муаллиф ба ин хулоса расидааст, ки журналистика, таҳқиқ ва таълим се бахши бузурге мебошанд, ки дар ҳаёту фаъолияти А. Саъдуллоев ба назар мерасанд ва ӯ дар ҳар кадоме аз ин чабҳаҳо муваффақу комёб аст. Дар ин миён, таълим бо таҳқиқ ҳамеша тавъам аст ва ҳамоҳангии онҳо дар фаъолияти А. Саъдуллоев намунаи эҷоди баланди публитсистиро ба вуҷуд овардааст. Ба ин мазмун, ки Асадулло Саъдуллоев дар баробари кор дар расонаҳо дар давоми фаъолияти қариб панҷоҳсолаи омӯзгорӣ дар ин ҷода низ дар ҷомеа мавқеи намоён дарёфтааст.

Боби дуюм – «Таҳқиқи публитсистикаи муосир дар осори А. Саъдуллоев» аз се фасл иборат аст. Фасли якум «Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири тоҷик» ном гирифтааст. Дар ин фасл зимни таҳқиқи публитсистикаи муосири точик накши профессор А. Саъдуллоев амиқу назаррас нишон дода шудааст. Агар дар соли 1978 ҳимояи рисолаи номзадиаш таҳти унвони «Замони муосир ва проблемаҳои публитсистикаи советии тоҷик (публитсистикаи Мирзо Турсунзода)» қадами аввал ба остонаи илму таҳқиқ ба шумор равад, соли 1996 дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи жанрҳои насри мустанади тоҷик (солҳои 1960-1980)» рисолаи докторӣ ҳимоя кард, ки ҳамчун аввалин таҳқиқи бунёдӣ дар хусуси насри мустанад ва публитсистика ба ҳисоб меравад. Дар ин миён, асарҳои зиёди дигари таҳқиқӣ ва таълимӣ таълиф намудааст, ки ҳамагӣ ба рушди публитсистикаи тоҷик дар замони истиқлол мусоидат кардаанд. Асари «Хосияти адабиёт» (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ, 2000) ба сифати монографияи илмӣ мавқеи меҳварӣ дорад. Ин асар заминаи мактаби таҳқиқи публитсистикаро ташкил намуда, дар он даҳҳо паҳлуюю ҷузъиёти соҳа баён гардидаанд.

Диссертант дар фасли дуюми боби дуюм «Проблемаҳои рушди публитсистикаи тоҷик» бештар ба проблемаҳои мавҷуда ҷиҳати рушди публитсистикаи муосир таваҷҷуҳ кардааст. Мусаллам аст, ки публитсистикаи тоҷик дар давоми беш аз сад сол ҳамчун як соҳаи алоҳидаи эҷод дар рушди ҷомеа хидмат менамояд. Вобаста ба вазъи замон мавзуоти публитсистика ба вуҷуд меоянд. Дар солҳои бистум ва сиюми асри гузашта таблиғи масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар меҳвари публитсистика қарор дошт. Дар солҳои ҶБВ руҳияи мардумро барои ғалаба ба фашизм баланд мегардонид, барқарорсозии баъдиҷангии солҳои шастумро таблиғ мекард ва дар бунёдкориву созандагиҳои бузурги солҳои 70-80 бо ҳар навъе ҳисса мегузошт. Дар замони соҳибистиқлолӣ публитсистика озод шуда, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ беш аз дигар соҳаҳои эҷодӣ фаъол гардида, дар таҳкими сулҳу ваҳдат ва пешрафту бунёдкориҳо дар кишвар саҳми арзанда мегузорад. Ба ин маънӣ, ин масоил дар пажуҳишҳои профессор А. Саъдуллоев мавриди таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифта, махсусиятҳои онҳо муайян карда шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм «А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода» унвон дорад. Дар ин фасл доир ба таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев дар хусуси публитсистикаи адиби номвар Мирзо Турсунзода сухан меравад. Маълум аст, ки мавзуи номзадии А. Саъдуллоев «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода» ба ҳисоб меравад, ки таҳти роҳбарии Соҳиб Табаров ҳимоя намудааст. Аз ин рӯ, аксари шогирдонашро дар ин самт роҳнамоӣ намуда, паҳлуҳои гуногуни публитсистикаро мушаххас кардааст. Ба таҳқиқи публитсистикаи ин адиби номдор рӯ овардани А. Саъдуллоев аз ҷуръату эътимоди комил доштани муаллиф шаҳодат медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия – «Мактаби илмии А. Саъдуллоев» аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби сеюм – «Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев» бештар ба мактаби илмии А. Саъдуллоев таваҷҷуҳ шудааст. Фаъолияти илмии Асадулло Саъдуллоев

гуногунҷабҳа буда, дар тарбияи шогирдон, роҳнамоӣ кардани онҳо дар самти пажуҳиш хидмати арзанда кардааст. Пажуҳишгар зимни таҳқиқ мактаби илмии профессор Асадулло Саъдуллоев ба ду самт ҷудо кардааст: самти аввал – таҳқиқи публитсистика ва насри мустанад ва самти дуюм – таърих, назария ва амалияи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи ватаниву хориҷӣ. Дар ин фасл он пажуҳишҳое, ки аз ҷониби шогирдони профессор А. Саъдуллоев пажуҳиш гардидааст, ба таври мухтасар баҳогузориву натиҷагарӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби сеюм «Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика» унвон гирифта, дар он ба таҳқиқоте, ки зери роҳбарии профессор А. Саъдуллоев дар равияи журналистика анҷом ёфтааст, муаррифӣ гардидаанд.

Фасли сеюми боби сеюм «Таснифоти мухтасари осор» унвон дошта, асарҳои профессор А. Саъдуллоев таҳқиқ гардидааст. Мавсуф муаллифи беш аз 50 асари публитсистиву илмиву таълимӣ мебошад ва дар автореферат аз рӯйи мавзую самт чунин радабандӣ гардидааст: асарҳои илмӣ, асарҳои илмиву публитсистӣ, дастуру китобҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ. Инчунин, беш аз 1000 тақризу очерк, мақолаву фелетон ва 280 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст.

Сироҷзода Н. Р. дар ҷараёни пажуҳиш маводи зиёдеро гирдоварӣ намуда, андешаҳояшро доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст. Муаллиф ҳангоми пажуҳиши мазкур аз осори зиёди муҳаққиқон корбаст кардааст, ки аз ҷанбаи илмии автореферат шаҳодар медиҳад.

Дар автореферат дар баробари комёбиҳо баъзе ғалатҳо ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо боиси баланд гардидани ҳусни кор хоҳад гардид.

1. Боби якуми диссертатсия бештар хусусияти нақлӣ пайдо кардааст. Хуб мешуд, ки бо истифода аз асарҳои илмӣ ва муқоисаву таҳлилу баҳогузориҳо ҷанбаи илмии он қавӣ карда шавад.

2. Дар автореферати диссертатсия дар баъзе ҳолат номувофиқати факту рақамҳо ба назар мерасад. Ба гунаи мисол, дар саҳифаи 16 зикр шудааст, ки профессор Асадулло Саъдуллоев муаллифи 40 асар мебошад, аммо дар саҳифаи 32 бошад, номгӯи асарҳо 50 қайд шудааст.

3. Дар автореферат ихтисораи русии СССР истифода гардидааст, ҳол он ки шакли тоҷикии ИҶШС-ро корбаст кардан мумкин аст. Дар зимн, дар автореферат калимаи «муқаққиқ» хеле зиёд (танҳо дар саҳифаҳои 5 ва 6 ёздаҳ маротиба) истифода шудааст. Инчунин, агар ба ҷойи ибораи «муҳаққиқи адабиётшинос» (с. 5) яке аз калимаҳоро истифода мекард, ба манфиат мебуд.

4. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ва грамматикӣ (саҳифаҳои 4, 7, 24, 27, 31, 32) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиат хоҳад буд.

Ғалатҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии пажуҳиш таъсир намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ, 7 адад, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология,
сармуҳаррири Нашрияи
рӯзномаи «Омӯзгор» Сафарзода Э.
20 августи соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 946-40-40-40.
E-mail: ehson.89@mail.ru

Имзои Сафарзода Э.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
иҷрои Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Толибова Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.
Телефон: (+992-37) 225-81-56.
E-mail: n.omuzgor@maorif.tj
20 августи соли 2025.